**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**профессор Миралызода А.М.**
**__________________**
**«___» феврал 2021**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич «Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 - адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич ба баррасии дидгоҳҳои илмӣ-адабии яке аз чеҳраҳои маъруфи адабиёти муосири Эрон Меҳдӣ Ахавони Солис ихтисос дорад. Ҳарчанд атрофи шеъру ҳунари шоирии М.А.Солис таҳқиқоти зиёде анҷом шудааст, вале, мутаассифона, бахши дигари фаъолияти ӯ, ки ба таҳқиқу арзёбии масоили мухталифи адабиёти классику муосир, махсусан, нимошиносӣ, ҷараёнҳои шеъри нав марбут аст, ба андозаи кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Боиси хушнудист, ки дар адабиётшиносии тоҷик нахустин бор фаъолияти илмӣ-таҳқиқии ин шоири номӣ аз ҷониби Муродов Ҷ.Қ. ба таври васеъ таҳқиқ шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда диссертант дар муқаддима дар атрофи аҳамияту мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, сарчашмаҳои таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, методу шеваҳои таҳқиқ, навгониҳо ва аҳамияти илмиву амалии он изҳори назар намудааст.

Диссертант дар боби аввали диссертатсия, ки фарогири чаҳор фасл аст, масири эҷодии М.А.Солисро, давраҳои зиндагӣ, ташаккули эҷодиву камоли шоирии ӯро дар манзари адабиёти муосири форсӣ таҳлилу арзёбӣ намудааст. Мавсуф саъю кӯшиш намуда, то муҳимтарин зинаҳои зиндагии шоирро ба риштаи таҳқиқ бигирад. Тавре ки аз мурури диссертатсия равшан мегардад, М.А.Солис зиндагиномаи худро алоҳида таълиф нанамудааст. Муаллифи рисола барои тадвини зиндагиномаи илмии шоир аз тамоми ишороту ҷузъиёте, ки дар мусоҳибаҳо нишастҳои адабии шоир дар иртибот бо зиндагиномаи ӯ мавҷуд буданд, истифода намудааст.

Ногуфта намонад, ки ишороти шоир гарчанде бар мабнои ёддоштҳои ӯ зикр шудаанд, вале дар бозгушоии консепсияи эҷодӣ ва маърифати амиқи ташаккули ӯ ҳамчун шахсияти эҷодӣ бисёр муҳиманд.

Муҳимтарин ишорате, ки дар шинохти масири зиндагии шоир бисёр арзишманд аст, ба шикасти ҷунбиши миллӣ дар соли 1953, ки бар асари табаддулоти низомӣ рух дода буд, иртибот мегирад. Ин рухдоди нохушоянди таърихи муосири Эрон сабабгори шикасти отифии шоир мегардад ва ӯро ба марзи дилмурдагиву ноумедӣ мерасонад, ки гувоҳаш маҷмӯаҳои ӯ - «Аз ин Авасто» ва «Шикор» мебошанд.

«Мероси М.А.Солис» унвони зерфасли дувуми боби аввал аст, ки дар доираи он диссертант андешаҳои мунаққидону адабиётшиносонро роҷеъ ба ҳунари шоирӣ ва вижагиҳои идеявӣ, мавзӯӣ ва бадеии ашъори шоир таҳлил намудааст.

Муаллифи рисола бо такя ба ақидаҳои мунақиддони адабиёти имрӯз шебу фарози эҷодиёти М.А.Солисро арзёбӣ менамояд. Ӯ ба ин натиҷа расида, ки бисёре аз аҳли ҳунар дар давраи муайяне аз зиндагӣ ба қуллаи камолоти худ мерасанд ва баъдан таназзули онҳо оғоз мегардад. Рушду болангдагии ҳунару истеъдоди шоирии М.А.Солис аз маҷмӯаи «Арғунун» оғоз гардида, дар маҷмӯаҳои «Охири Шоҳнома», «Зимистон» ва «Аз ин Авасто» ба авҷи аълои худ мерасад.

Дар диссертатсия аз қавли муҳаққиқ Зарқонӣ чунин омада: «... ингор ин сарнавишти ҳама ё дасткам бисёре аз ҳунармандон аст, ки пас аз парвозҳои баланд ва дар иртифоъ мондан маҷбур ба фурӯди изтирорӣ (экстерный) мешаванд. Ин қарн ҳаст, ки бархе аз онон вақте эҳсос мекунанд, замони уфти нуҷуми онҳо фаро расида, дигар қаламӣ худро ба канор мениҳанд, то барои ҳамеша дар хотироти хонандагон ба унвони «ҳунарманде дар авҷ» боқӣ бимонанд. Аммо шоир ин роҳро бар нагирифт». (Диссер. саҳ.20)

Аз М.А.Солис маҷмӯаҳои зиёде ба нашр расида, вале маҷмӯае, ки ӯро дар ҷомеаи адабии Эрон маъруфу забонзад намуд, китоби «Зимистон» ва махсусан шеъри «Зимистон» аст.

Ба андешаи диссертант дар зиндагии шоирии М.А.Солис, махсусан, маҷмӯаи «Аз ин Авасто» нақши корсоз дорад. «Он гоҳ пас аз тундар», «Сабуҳӣ», «Сабз», «Овози чагур», «Катиба», «Рӯйи ҷодаи намнок» муҳимтарин ашъори ин дафтаранд, ки имрӯз ҳам қиммату арзиши онҳо кам нашудааст. Муҳаққиқони зиёде мисли Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, А. Зарринкуб, Сирус Шамисо, Комёр Обидӣ атрофи ин маҷмӯа изҳори матлаб намудаанд.

Диссертант дар зербоби сеюм масири эҷодии М.А.Солисро аз зовияи диди накди адабӣ баррасӣ намудааст. Ӯ бар ин назар аст, ки бо

иттико ба нақди адабии замони шоир метавон гуфт, ки эҷодиёти ӯ чи дар жанрҳои хурди лирикӣ ва чи жанрҳои эпикӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи олимону нокидон будааст.

Диссертант таъкид намуда, ки яке аз ҷомеатарин нақди ашъори ӯ мансуб ба донишманди фозил Тақии Пурномдориён аст. Номбурда зимни арзёбии маҷмуаи «Зимистон»-и М.А. Солис шеъри ӯро бо сурудаҳои Нимо Юшиҷ қиёс намуда, сабки ӯро соддатару роҳаттар аз сабки Нимо медонад. Ба навиштаи ӯ: «дар шеъри «Зимистон»-и М.А. Солис танҳо кофист бидонӣ, ки «Зимистон» истиора ва ё рамзи ҳолу ҳавои ҳоким бар ҷомеа аст, пас аз ду се соле, ки як шикасти сиёсиву иҷтимоӣ гузашта он гоҳ ҳама чизи тамсилии ин шеър ошкор мегардад». (Диссер. саҳ.27).

Бояд гуфт, ки диссертант зимни таҳқиқ саъй намуда, тамоми нақду андешаҳои муҳаққиқонро атрофи ҳар маҷмӯаи шоир гурӯҳбандӣ ва таҳлилу арзёбӣ намояд. Ба ақидаи ӯ, махсусан, маҷмӯаи «Охири Шоҳнома»-и М.А.Солис ба таври муфассал аз ҷониби мунаққидон ва шоирони алоҳида нақду арзёбӣ шудааст. Ногуфта намонад, ки маҷмӯаи мазкур сеюмин асари М.А.Солис маҳсуб мешавад, ки пас аз руҳдоди шикасти ҷунбиши миллӣ ба нашр расидааст. Нахустин касе, ки ба ин асар нақди мабсут навишта, Фурӯғи Фаррухзод буд. Нақди Фурӯғ ҳарчанд нақди шоирона аст, вале тамоми ҷанбаҳои асар ва ҳунару истеъдоди шоир ва арзиши онро фарогир аст. Фурӯғ ба ҷанбаи ҳунарии шоир ва дарунмояҳои ашъори ӯ баҳои баланд додааст.

Аз адабиётшиносони муосир ба ин дафтар Сирус Парҳом нақд навишта, М.А. Солисро бо Нимо Юшиҷ муқоиса мекунад ва шеъри ӯро иҷтимоитар аз Нимо медонад. Исмоил Нури Ало бошад, дар китоби «Сувар ва асбоб дар шеъри имрӯзи Эрон» маҷмӯаи мазкурро аз лиҳози мавзӯӣ дастабандӣ намуда, нақши ӯро дар коргирӣ аз калимаҳои гуфтугӯӣ ниҳоят муассир медонад. Ба ақидаи ӯ беҳтарин хасисаи кори М.А. Солис тавсифҳои қудратманди ӯст, махсусан ташбеҳоти зебову қудрати баёни шоир васфҳои ӯро мумтозу мушаххас месозад.

Аз муҳаққиқони рус Кляшторина В.А. дар китоби «Шеъри нави Эрон» бахшеро бо нақду баррасии шеъри ӯ ихтисос додааст.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки диссертант дар радифи таҳлилу арзёбии дидгоҳҳои муҳаққиқону адабиётшиносон назари хосӣ худро роҷеъ ба хусусиятҳои шеъри шоир иброз доштааст. Аз ҷумла қайд намуда, ки яке аз вижагиҳои шеъри М.А.Солис ҷанбаи нерӯманди ривоят, ё наклу ривоятгарии шеъри вай маҳсуб мешавад, ки дар шоирони дигари муосир камтар ба чашм мехӯрад.

Диссертант масъалаи мазкурро бо тамоми шохисҳои шеъри ривоӣ дар ашъори М.А.Солис муфассал баррасӣ менамояд. Ӯ дуруст қайд мекунад, ки ҳарчанд барҷастагиҳои шеъри М.А.Солис пуршуморанд, валеончи ки ӯро маъруф сохт, ашъори озод ё нимоӣ буд.

Дар ин бахш ҳамчунин рамзу тамсилҳои ашъор ва хосатан рамзгароии иҷтимоӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф дар ин қисмат М.А.Солисро бо Нимо то ҳадди лозим қиёс намуда тафовуту фарқиятҳои забони эшонро нишон додааст.

Масъалаи дигаре, ки дар диссертатсия тарҳ гардида, таъсирпазирии шоир аз осори тарҷумашудаи нависандагону муҳаққиқон ва шоирон ба забони форсӣ аст, ки дар даҳаи 50-60-уми қарни гузашта ривоҷи зиёде дошт. Ба ақидаи муаллиф дар ҷиҳатёбӣ ва сайри такомули шеъри нави форсӣ, нерӯмандсозии заминаҳои фалсафӣ ва иҷтимоии он нақши шеъри ғарбӣ ва аз ҷумла, шеъри русӣ дар мисоли ашъори В.Маяковский бисёр корсоз будааст.

Дар поёни боби якум муҳимтарин вижагиҳои шеъри шоир хулосагирӣ шудаанд. Аз ҷумла, қайд шуда, ки ашъори М.А. Солис саршори мафҳумҳову ишораҳои суннатӣ, асотири куҳан буда, бо забону сохтори каломи ӯ таносуби қавӣ дорад.

Дар боби дувуми диссертатсия дидгоҳҳои илмӣ-адабӣ ва назарии М.А.Солис таҳқиқ шудааст. Нахустин зерфасли он ба масъалаи «М. А. Солис ва нимошиносӣ» ихтисос дорад. Қобили зикр аст, ки М.А.Солис дар атрофи Нимо ва вижагиҳои сабку салиқаи ашъори ӯ осори зиёде пажӯҳишӣ таълиф кардааст. Хидмати бузурги М.А.Солис дар заминаи нимошиносӣ ба қавли диссертант дар он зоҳир мешавад, ки ӯ бо асосҳои назарӣ қонунмандии пажӯҳишу ибтикороти Ниморо дар иртибот бо таҷаддуди шеъри форсӣ ба исбот расонида, зимнан мухолифонашро бовар кунонда, ки ин навовариву тозакориҳо беасос набуда, эҳтиёҷи мубрами сабки фардии ӯ мебошанд, ки аз умқи адабиёти форсиву тоҷикӣ сарчашма мегиранд. Бояд гуфт, ки таълифоти шоир вобаста ба дараҷаи мавзӯоти матруҳа дастабандӣ шудаанд. Масалан дар зерфасли дувум мавзӯи дифоъ ва ҳимояти М.А.Солис аз тарзи кори Нимо тарҳрезӣ шудааст.

Гап дар ин аст, ки шоир барои нишон додани ҷараёни навпардозӣ, махсусан, ҷузъиёти кори Нимо мақолоти пуршуморе ба чоп расонида, ки он мақолот дар китобҳои «Бидъатҳо ва бадоеъи Нимо Юшиҷ», «Ато ва лиқои Нимои Юшиҷ, «Нақиза ва нақизасозон» гирд омадаанд.

Ба андешаи диссертант яке аз корҳои қобили мулоҳизаи М.А.Солис таҳқиқу арзёбии жанрҳое маҳсуб мешавад, ки новобаста аз таърихи қадим доштанашон миёни шоирон маъруфияти зиёде надоранд. Дар ин

бахш диссертант дар атрофи китоби «Нақиза ва нақизасозон»-и М.А.Солис баҳс намуда, ки шоир онро дар охири умр таълиф намудааст. Маҳзи хотири ин дар зерфасли дигари боби дувум атрофи жанрҳое баҳс шуда, ки камшинохташудаанд. Яке аз ин жанрҳо нақиза аст.

Зимни таҳқиқу омӯзишу ин бахши корномаи шоир ва таҳлили нақиза дар эҷодиёти шоирони классик ва муосири форсӣ диссертант ба хулосае омада, ки дар радифи Убайди Зоконӣ, Сӯзании Самарқандӣ дар эҷоди нақиза Яғмо Ҷандақӣ ва аз муосирон Содиқ Ҳидоят, Алиакбари Деххудо ва Содиқ Чӯбак ба комёбиҳои чашмгир ноил шудаанд Нақизаҳои онҳо бо густурдагӣ ва умқи тасвири падидаҳои иҷтимоӣ ва воқеъияти рӯзгор аз дигар осор фарқ мекунанд.

Дар боби мазкур ҳамчунин ба таври мабсут дидгоҳҳои шоир дар атрофи масоили шеъри классикӣ ва муосири форсӣ таҳлилу арзёбӣ гардидааст. Аз ҷумла, зерфасли «М. Солис ва шоирон» ба таври комил ба таҳлили ақидаҳои интиқодии М.А.Солис ихтисос дорад. Гап дар ин аст, ки М.А.Солис ҳарчанд асари махсусе дар бораи шоирон таълиф накардааст, вале дар бораи масири зиндагӣ ва эҷоди шоирони маъруф мисли Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Масъуд Саъди Салмон, Хайём дидгоҳҳои ҷолибе дорад, ки дар шинохти адабиёти классику муосир бисёр арзишманданд.

Диссертант дар поён ба таври амиқ таҳқикро натиҷагирӣ намудааст. Хулосаи ӯ, дар маҷмӯъ, ин аст, ки дидгоҳҳои М.А.Солис дар шинохти шеъри Нимо мактаби Нимо масоили гуногуни адабиёти муосиру классик бисёр пураҳамиятанд.

Диссертатсияи Муродов Ҷ.Қ. дар радифи ин, ки кори муҳиму шоистаест, вале аз баъзе камбуду костагиҳо орӣ нест, ки зикрашон зарур аст:

1. Яке аз мавзӯъҳои калидӣ дар таҳқиқ масъалаи нимошиносӣ аст, ки нақши М.А.Солис дар он дар мадди аввал аст. Вале диссертант дар аксар маворид ба таври умум ҳарф мезанад. Дар ҳоле, ки масъала тақозо мекунад нахустин маколаҳои ӯ мисли “Навъе вазн дар шеъри форсӣ” дар ин замина мавриди баррасӣ қарор гиранд;

2. Дар адабиётшиносии тоҷик кам ё беш перомуни шеъру ҷойгоҳи М.А.Солис мақолаҳое ба чоп расидаанд. Вале дар диссертатсия муҳаққиқони тоҷик аз мадди назар дур мондаанд;

3. Таълифоти илмӣ-адабии М.А. Солис, тавре ки маълум аст, дар атрофи шеъри муосиру классик сурат гирифтааст. Беҳтар мебуд, дар рисола ин ду давра ба таври алоҳида баррасӣ мегардид;

4. Дар эҷодиёти М.А.Солис маснавиҳои навпардозона мавқеи мухимеро ишғол мекунанд. Мутаассифона, диссертант бо зикри номи онҳо иктифо мекунад. Ба андешаи мо хуб мебуд, ин масъала васеътар арзёбӣ мегардид.

Албатта, эродҳои зикршуда бе ҳеҷ ваҷҳ арзишу қимати илмии диссертатсияро кам намекунанд. Автореферати диссертатсия ва

мақолоти нашршудаи муаллиф баёнгари мазмун ва муҳтавои таҳқиқ мебошанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар се мақолаи муаллиф, ки ҳамагӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, инъикос ёфтааст.

Диссертатсия кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ) мувофиқ аст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич дар мавзӯи «Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ) мебошад.

Тақриз аз ҷониби дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Ашӯрова Н.Ҷ. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Протоколи №8 аз 12.03.2021.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 15, зид-0, бетараф-0.

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи адабиёти тоҷик
ва журналистикаи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ
номзади илмҳои филологӣ, дотсент: Холиқова З.К.

Ташхисгар:
номзади илмҳои
филологӣ, дотсент: Ашӯрова Н.Ҷ.

Котиби ҷаласа: Валиева М.

Имзоҳои З.К Холиқова., Ашӯрова Н.Ҷ. ва М. Валиеваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Суроға: 735360, ҶТ, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров 16.
Тел.: 918-67-08-50
E-mail: mudir-72@mail.ru